# Шарҳи моҳонаи таваррум • Марти 2022

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи марти соли 2022 ба 1,7 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба моҳи қаблӣ 1,5 банди фоизӣ (б.ф.) ва ҳамин моҳи соли 2021 0,2 б.ф. зиёд мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда таваррууми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 2,8 фоиз (саҳм дар таваррум 1,46 б.ф.) ва молҳои ғайрихӯрокворӣ 1,0 фоиз (0,31 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, дар ин моҳ арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ -0,2 фоиз (-0,03 б.ф.) раванди коҳишёбӣ доштанд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ болоравии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили нархи орди навъи якум 7,9 фоиз, равғани пахта 3,4 фоиз, помидор 10,2 фоиз, бодиринг 3,9 фоиз, карам 6,1 фоиз, шакар 10,3 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла нархи гӯшти гов 2,7 фоиз, гӯшти гӯсфанд 3,6 фоиз, себ 1,7 фоиз, картошка 6,0 фоиз, сабзӣ 3,0 фоиз ва ғайра ба назар расид.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи ҳисоботӣ бештар болоравии нархи масолеҳи таъмир ва сохтмон 1,4 фоиз, маводи доруворӣ 2,7 фоиз, маводи сӯзишворӣ 7,0 ва ғайра ба мушоҳида расид.

Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, дар моҳи ҳисоботӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, раванди мазкур асосан дар натиҷаи арзоншавии арзиши хизматрасонии нақлиётӣ ба андозаи 2,5 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

Тибқи маълумоти омори расмӣ дар моҳи марти соли ҷорӣ болоравии сатҳи нархҳо дар кишвари Русия 7,6 фоиз, Туркия 5,5 фоиз, Қазоқистон 3,7 фоиз, Қирғизистон 3,2 фоиз, Белорус 2,9 фоиз, Гурҷистон 2,5 фоиз ва Ӯзбекистон 1,5 фоиз ба қайд гирифта шуд.

**Таваррууми солона дар моҳи марти соли 2022 ба 7,3 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин даврай соли гузашта 2,6 б.ф. кам мебошад.** Мавриди

**Таваррууми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррууми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таваррум дар минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомотҳои омори давлатҳои дахлдор)

| Кишварҳо | Таваррууми моҳона (марти 2022) | Таваррууми янв.-мар. с.2022 | Таваррууми солона (марти с.2022) |
|---|---|---|---|
| Русия | 7,6 | 10,0 | 16,7 |
| Туркия | 5,5 | 22,8 | 61,1 |
| Қазоқистон | 3,7 | 5,2 | 12,0 |
| Қирғизистон | 3,2 | 5,0 | 13,2 |
| Белорус | 2,9 | 6,0 | 15,9 |
| Гурҷистон | 2,5 | 4,5 | 11,8 |
| Арманистон | 1,8 | 3,5 | 7,4 |
| Тоҷикистон | 1,7 | 2,4 | 7,3 |
| Ӯзбекистон | 1,5 | 2,9 | 10,5 |

зикр аст, ки тағйирёбии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби омилҳои дорои хусусияти таклифотӣ, мавсимӣ ва фишорҳои берунӣ ба амал омад.

Сатҳи таварруми солона дар моҳи марти соли ҷорӣ дар кишвари Туркия 61,1 фоиз, Русия 16,7 фоиз, Белорус 15,9 фоиз, Қирғизистон 13,2 фоиз, Қазоқистон 12,0 фоиз, Гурҷистон 11,8 фоиз ва Ӯзбекистон 10,5 фоизро ташкил додааст.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи марти соли ҷорӣ 0,6 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 1,6 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ мусоидат намуд.

**Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда бо истифода аз фишангҳои монетарӣ татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумиi солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | | | | 2022 | | | Март тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **9,9** | **9,4** | **9,6** | **8,0** | **7,8** | **7,1** | **7,3** | **1,7** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **13,5** | **10,9** | **11,0** | **7,5** | **6,8** | **6,4** | **7,1** | **3,0** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,8 | 10,4 | -3,7 | 2,2 | 4,0 | 4,8 | 4,8 | 11,0 | 5,4 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 3,2 | 0,4 | -5,5 | -7,8 | -7,5 | -7,5 | -7,0 | -5,7 | 0,3 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 16,4 | 12,9 | -5,7 | 4,6 | 8,0 | 8,8 | 8,6 | 18,0 | 7,9 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 5,7 | 9,0 | 14,6 | 14,0 | 15,1 | 15,3 | 13,9 | 9,8 | -1,3 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 9,5 | 15,5 | 15,8 | 14,9 | 15,1 | 13,9 | 7,7 | -2,7 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | 18,9 | 43,2 | 24,2 | 11,9 | -14,4 | -24,0 | -26,3 | -21,2 | 1,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 4,3 | 5,6 | 6,2 | 7,9 | 8,9 | 7,7 | 9,9 | 23,6 | 11,8 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 5,6 | 10,3 | 3,1 | 8,8 | 4,3 | 4,0 | 10,6 | 15,4 | 1,5 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 51,5 | 64,3 | 58,9 | 20,8 | 20,5 | 17,3 | 12,4 | 2,0 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 4,7 | -6,4 | -9,5 | -9,7 | -6,7 | -6,6 | -6,9 | -8,3 | 0,4 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 5,8 | 5,5 | 14,1 | 11,7 | 16,4 | 11,6 | 13,4 | 6,3 | 0,6 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | 40,8 | 46,7 | 41,0 | 21,9 | 4,4 | 4,3 | 2,9 | 6,9 | 10,3 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -2,2 | 4,5 | -1,7 | 0,1 | -0,7 | 0,6 | 1,5 | 2,6 | 1,1 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **1,8** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **5,0** | **4,6** | **4,3** | **2,8** | **5,8** | **5,7** | **4,9** | **6,2** | **1,3** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,8** | **7,6** | **8,4** | **7,8** | **7,5** | **7,8** | **6,4** | **6,3** | **1,0** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,5 | 4,9 | 4,1 | 3,3 | 2,8 | 3,2 | 2,7 | 2,4 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 8,0 | 7,8 | 6,5 | 5,1 | 8,0 | 6,8 | 6,4 | 7,8 | 1,4 |
| Моводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 10,1 | 9,5 | 7,7 | 5,7 | 4,6 | 5,2 | 4,8 | 5,1 | 0,8 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 7,8 | 6,6 | -0,4 | -1,6 | -0,7 | 4,2 | 5,3 | 7,4 | 2,7 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | -6,1 | 16,8 | 56,8 | 59,4 | 63,0 | 54,6 | 40,2 | 33,2 | 7,0 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | 14,8 | 12,8 | 22,1 | 11,8 | 2,7 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | 3,2 | 4,3 | 4,2 | 2,9 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 8,8 | 9,3 | 5,6 | 5,2 | 3,7 | 4,1 | 2,8 | 3,2 | 0,6 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,0** | **4,1** | **5,1** | **9,3** | **11,3** | **11,5** | **11,1** | **9,9** | **-0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 1,8 | 3,7 | 9,6 | 14,6 | 13,1 | 13,2 | 10,5 | 10,1 | 1,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 3,8 | 1,4 | -1,1 | -0,9 | -0,9 | 3,7 | 4,6 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 4,0 | 14,1 | 52,0 | 66,7 | 66,1 | 66,6 | 46,7 | 44,4 | 6,1 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 11,2 | 22,4 | 22,4 | 24,4 | 19,5 | -2,5 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,4 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,7 | 7,8 | 8,2 | 8,1 | 8,2 | 0,1 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,3 | 1,0 | 1,1 | 0,1 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 6,7 | 5,9 | 5,5 | 4,1 | 1,7 | 2,8 | 3,0 | 3,2 | 0,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо